Бо фармоиши Вазорати
рушди иқтисод ва савдо
аз соли 2014,
№ тасдик шудааст

# КОДЕКСИ КАСБИИ ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТИИ ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кодекси касбии одоби хизматчии давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кодекс), маҷмуи қоидаҳои рафтори хизматчии давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти давлатӣ) мебошад, ки хислати ахлоқи фаъолияти касбии онро таҷассум намуда, аз санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ ва талаботи маънавии ҷамъият ба хизмати давлатӣ бармеояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Амали Кодекси мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии низоми хизмати давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ишғол менамоянд, паҳн мегардад.

## БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ОДОБИ ХИЗМАТӢ

2. Кодекси мазкур ба принсипҳои хизмати давлатӣ ва талабот ба рафтори хизматчиёни давлатӣ, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ », «Дар бораи мубориза бар зидди корупсия» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини намудаанд, инчунин ба принсипҳои зерини одоби хизмати давлатӣ асос меёбад:

- қонуният;
- риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- поквиҷдонӣ;
- таҳаммулпазирӣ.

## БОБИ 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

ҲАНГОМИ АМАЛИ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

3. Хизматчии давлатӣ бояд адолатнок амал намояд. Ҳангоми қабули қарор ва амали намудани ваколатҳои худ хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти сиёсӣ , динӣ, ҷинсӣ, забонӣ, нажодӣ ва дигар сабабҳои ба шахсе хилофи қонунгузории бартарият ва имтиёз диҳад.

4. Хизматчии давлати бояд ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузори намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гуруҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд.

5. Хизматчии давлатӣ бояд ба таври доимӣ ба такмили тахассуси касби худ машғул шуда, донишҳои худро дар сатҳи мувофиқи барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ зарури нигоҳ дорад забони давлатиро донад.

6. Хизматчии давлатӣ бояд фаъолияти касбии худро ҳамон тавр амали намояд, ки ба қобилияти у шубҳа пайдо нашавад, бовиҷдонона ва беғаразона кор карда, ба шаъну шараф ва обрую эътибори хизматчии давлатӣ аснод наоварад.

7.Хизматчии давлатӣ бояд танҳо воситаҳои қонунӣ ва одоби пешравӣ дар хизматро истифода барад.

8. Хизматчии давлатӣ, ки вазифаи роҳбарикунандаро ишғол менамояд, уҳдадор аст ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ба зуҳуроти маҳалчигӣ, хешутаборӣ, маҳбуб донистан ва таъиноти кадрҳо аз руи аломати садоқатмандии шахси роҳ надиҳад.

9. Хизматчии давлатӣ дар муносибат бо шаҳрвандон, ҳамкасбон ва намояндагони дигар ташкилотҳо бояд хушмуомила ва бодиққат бошад.

10. Хизматчии давлатӣ дар коллектив бояд ба муқкаррар намудани муносибатҳои кори тарафайн, ҳамкориҳои судманд бо мақсади фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мусоидат намояд.

11. Хизматчии давлатӣ, ки мансаби роҳбарикунандаро ишғол менамояд, ки мансаби хизматчиёни давлатӣ дар муносибати касбӣ бо уҳдадориҳои худ, фаъолияти бенуқсон, хайрхоҳи ва таваҷҷуҳ доштан ба одамон намуна бошад ва дар миёни тобеони худ барои кор мусоидат намояд.

12. Хизматчии давлатӣ набояд барои гирифтани иттилооти хизматӣ, ки ба ваколати у дохил намешавад, кушиш намояд.

13. Хизматчии давлатӣ набояд иттилооти расмиро, ки бояд ва мумкин аст ошкор карда шавад, пинҳон дорад, иттилооти нопурра ва дуруғро паҳн намояд.

14. Хизматчии давлатӣ бояд ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма зид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи кори мақомоти давлатӣ бо эҳтиром

муносибат карда, барои гирифтани иттилооти дуруст, қонунгузорӣ пешбини кардааст, ба онҳо кӯмак расонад.

15. Хизматчии давлатӣ бояд аз таъсири шаҳрвандон, гуруҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбӣ ва ҷаъмиятӣ мустақил бошад.

16. Хизматчии давлатӣ бояд харакатҳоеро, ки ба таъсири манфиатҳои шахсӣ, молу мулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо алоқаманд мебошад ва барои бовичдонона иҷро кардани уҳдадориҳои мансабӣ монеа мешаванд, истисно намояд.

17. Хизматчии давлатӣ бояд ба гирифтани ҳар гуна тухфаҳо барои иҷрои вазифаҳои (уҳдадориҳои) мансаби худ дар шакли моддӣ (пул, туҳфа) ва дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасонӣ) ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ роҳ надиҳад.

18. Хизматчии давлат бояд аз иштирок дар амале, ки беғаразии у зери шубҳа қарор мегирад, ё аз ҷой доштани ҳолатҳое, ки аз бевосита ё бавосита аз манфиатдор будани у дар амали ғайриқонунӣ гувоҳи медиҳад, даст кашад.

19. Хизматчии давлатӣ набояд аз вазъи хизматии худ суйистифода карда, дар аҳдҳо ва вазъияти ихтилофнок, ки ба амали хизматии у мутобиқат намекунанд, иштирок намояд.

20. Хизматчии давлатӣ бояд манъбаҳо ва воситаҳои давлатии (технологияи иттилоотии шабакаи интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, ксерокс, факсхо, дигар таҷҳизот, арзишҳои моддию ғайримоддӣ) ба у пешниҳодшударо самаранок ва бовиҷдонона истифода намояд.

## БОБИ 4 МАҲДУДИЯТҲО ВОБАСТА БА ИҶРОИ МАНСАБИ ДАВЛАТӢ ВА МАНСАБИ БА ОН БАРОБАР КАРДАШУДА

21. Ба хизматчии давлатӣ манъ аст:

-ба кори дигари музднок дар асоси шароити ишғолкунии мансаби штатӣ, ғайр аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омузгори машғул шавад;

-аз руй масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақоми давлатие, ки дар он ҷо хизмат мекунад ё бевосита тобеъ ё бевосита таҳти назорати он макон қарор дорад, вакили шахсони сеюм бошад;

-шахсан ё ба воситаи шахсони боэътимод ба соҳибкори машғул шуда, ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилоҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлати буданаш таҳти кафолат ба идоракунии эътимоднок диҳад;

- воситаҳои молиявӣ, модиву техникӣ, наклиётӣ, дигар захираҳои давлатӣ ё колективӣ ва ахбороти хизматиро ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;

- барои хизмате, ки аз руй вазифаҳои хизматии худ анҷом додааст, инъомҳо гирад ба шахсони мансабдорӣ болои туҳфа диҳад ва хизмат расонад, ба истисной туҳфа ва армугонҳои рамзӣ дар чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар. Арзиши умумии туҳфаҳои гирифташуда дар давоми сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо набояд зиёд бошад.

-аз ҳисоби шахсони воқеи ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеи ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохилиҷумҳуриявӣ ва хориҷии муоличавӣ- табобатӣ, саёҳатӣ ва дигар сафарҳо раванд, ба истисной сафарҳо бо даъвати хешовандони наздик ва аз ҳисоби онҳо ва сафарҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби мақомоти давлатии дахлдор ё ташкилотҳои байналмилали сурат мегирад;

- супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъбастӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидориро, ки ба хизмати давлатӣ дахл доранд, ба ҷо оварда ё мақоми хизматии худро ба манфиатҳои онҳо истифода барад;

- ба хилофи манфиати кор бюрократизм, идорабозӣ ва маҳалгароӣ зоҳир намояд, нисбати ягон ташкилот, мақомот иттиҳодияи шаҳрвандон ё шахси мушаххас бадхоҳ ё хайрхоҳ бошад;

- барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳо дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баёнкарда, ки таҳияи онҳо ба ӯҳдадории хизматиаш дахл мешавад, ҳаққи қалам гирад.

22. Иҷро накардани маҳдудиятҳои номбурдаи дар банди 21 барои ба ҷавобгари кашидани хизматчии давлатӣ асос мегирад.

## БОБИ 5 ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД

23. Кирдорҳои зерини хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқвайронкунии барои корупсия шароит бавуҷудоваранда ҳисобида мешаванд:

-истифодаи мақоми худ дар ҳалли масалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандони наздик ё шахсони сеюм дахл доранд;

-монеъ шудан ё ғайриқонуни дахолат кардан ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назорат дар қаламрави муайян, ё нисбати обеъктҳо ва ё шахсони мушаххас;

-иштирок ба сифати намояндаи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз руи корҳои мақоме , ки ин шахс дар инҷо кор мекунад ё зердасти вай мебошанд ё фаъолияти онҳоро назорат мекунанд;

-иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари характери молумулки дошта бо шахсони мансабдори болоӣ ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳати корӣ ё хизматӣ ба онҳо тобеъ;

-машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, узвият дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё мақомоти идоракунии онҳо;

-пешбарӣ ва (ё) таъин намудан ба мансаб ба сифати шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколадор ё шахсони ба онҳо кардашуда, дар сурати мавҷуд будани мамониятҳо барои ишғол намудани чунин мансаб, ки дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» пешбинишудаанд, ё дидаву дониста риоя накардани маҳдудиятҳои муқарраркардаи ҳамин Кодекс дар мавриди хизмати якҷояи хешовандони наздик, дидаву дониста, ғайриқонуни аз мансаб озод намудан ё ба мансаби дигар гузаронидани кормандон;

-пешниҳоди бартариятҳое бо қонун пешбининагардида (протексионизм) зимни таъин ва (ё) пешбари ба хизмати давлатӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигари ба онҳо монанд;

-вайрон кардани тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараршудаи баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон, ба назар нагирифтани бартарият, имтиёзҳо ва навбати бо қонунгузорӣ ё санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ё аз холатҳои мушаххас бармеомада дар мавриди ҳалли онҳо;

-ғайриқонунӣ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои меъёрии ҳуқуқи пешбининагардида, ба вуҷуд овардани дигар монеаҳои сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъин (интихоб) намудан ва (ё) пешбари намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ,таҳсил, фаъолияти илмӣ ва дар мавриди амали намудани дигар ҳуқуқи уҳдадориҳо ва вазифаҳои хизматчии давлатӣ;

-ҳангоми амали намудани фаъолият ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мансабӣ аз рӯи ғараз ва манфиати шахси қабул намудани қарорҳо ва дигар санадҳои ғайриқонунӣ, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла оиди ба кор қабул намудан ва аз кор озод намудани шахс ва дигар амалҳое, ки ҳуқуқи

манфиатҳои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро поймол мекунанд ва ба онҳо зарар мерасонад;

- пешниҳод намудани (гузашт кардан) ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеи ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд.

24. Аз ҷониби хизматчии давлатӣ содир намудани яке аз ҳуқуқвайронкуниҳо дар банди 23 нишон додашуда, агар он таркиби ҷиноятро надошта бошад, боиси ҷазои интизомӣ дар шакли сарзаниш, танбеҳ ё озод намудан аз мансаб мегардад.

25. Содир кардани ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии дар боло зикргардида ё такроран дар давоми сол баъди татбиқи ҷазои интизомӣ содир намудани чунин ҳуқуқвайронкунӣ боиси озод намудан аз мансаб мегардад.

26. Кирдорҳои зерини хизматчии давлатӣ, агар дар онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба коррупсия алокаманд ҳисобида мешавад:

- барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои дахлдорро иҷро намекунанд, инчунин аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ дар шакли пул, хизматрасонӣ ва дигар шаклҳо гирифтани ҳар навъ подоши иловагӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои дигаре пешбинӣ нашуда бошанд;

- қабул кардани тӯҳфа ва дигар хизматрасониҳо вобаста аз иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё ба онҳо баробаркардашуда аз шахсони аз рӯи вазифа тобеъ (ба истиснои армуғонҳои рамзӣ ва нишони эҳтиром ҳангоми чорабиниҳои расмӣ ва маросимҳои дигар, ки арзиши умумиашон аз як сол аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест) инчунин, пешниҳод намудани ин гуна туҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори болоӣ;

- истифодаи бартариятҳои бо қонун пешбинигардида дар гирифтану баргардонидани кредит ва қарзи бонки ва дигар ташкилотҳо, харидани қоғазҳои қиматнок, мулу мулк, ғайриманқул, дигар молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои дигар ухдадориҳо;

- додани бартарият ва имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мавриди таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгир кардани фармоишҳои давлатӣ, дигар фармоишҳо ҳисоби буҷети давлатӣ ва ё ташкилотҳо вобаста ба шакли моликият маблағгузаронидашаванда, тақсимоти воситаҳои молиявию моддӣ, захираҳои энргетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо ва баргардонидани қарзҳо ва иҷрои дигар ӯҳдадориҳои молиявию моддӣ;

- бе қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи муваққати ба ташкилотҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои молиявӣ ва модди ба фондҳои давлатӣ, субъектҳои давлатии хоҷагидор ва дигар субъектҳои хоҷагидор тааллуқдоштае, ки дар моликияти онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад;

- бо мақсадҳои шахсӣ, гуруҳи ва мақсадҳои дигари ғайрихизматӣ истифода намудани биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронӣ, маблағҳо ва молу мулки дигари давлатӣ, ки барои адои вазифаҳои давлати вобаста карда шудаанд, агар он бо қонунҳо пешбини нагардида бошад, ба манфиатҳои давлат зарар расонад;

- тахсис додан (ташил кардан) ё аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ташклоҳои давлати маблағгузори намудани ташкилотҳои тиҷоратие, ки ба муассис (буҷети давлатӣ, ташкилотҳои мазкур) ҳисса ҷудо намекунанд;

- восита ва захираҳои молиявию моддии давлатиро ба фондҳои интихоботии номзадҳои ҷудогона ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронидан;

- беасос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва дигар санадҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва суд;

- ба манфиатҳои шахсӣ ё гуруҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба даст омада, паҳнкунии он манъ карда шудааст;

- ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, риоя накардани мустакилият ва ҳуқуқи манфиатҳои онҳо, ғайриқонунӣ барҳам додан ё азнав ташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъин (интихоб) ба мансаб ва аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандон субъктҳои хоҷчагидорӣ ғайридавлатӣ, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ);

- ғайриқонунӣ аз хисоб баровардан, вайрон кардани тартиби нархгузорӣ ва ба фуруш баровардани молу мулк, гузаронидани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва хариди давлатии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурухтани амволи давлатӣ;

- ғайриқонунӣ ё бо шартҳои ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо ошкоро номувофиқ ба истифода, киро ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва дигар сарватҳои моддию табии ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи ғайрикқонунӣ рад намудан додан ё кашида гирифтани онҳо;

-пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, ба расмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудан ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ва вазнинии кирдор номувофиқ, инчунин надидани чораҳои барқароркунии зарари бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ расонидашуда;

- тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санадҳо, аҳдҳо ва шартномаҳо, эъломияҳо, ҳуҷҷатҳои ибтидоии муҳосибави оид ба хариду фуруш, тухфа кардан, иваз намудан, гарав, молтаъминкунӣ, киро, иҷора, хусусигардонӣ, аз хисоб баровардан, харид намудан ва дигар ахдҳо оид ба ихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли молу мулк (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки дар онҳо нарх, миқдор,ҳаҷм, соли истеҳсол ва дигар нишондиҳандаҳои молу мулк (мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) таҳриф карда шуда ба ин восита ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида шудааст;

- ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқи манфиатҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъи аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки қонунгузори пешниҳодкунии онро аз ҷониби ин шахсон пешбини намекунанд, ё рад кардан ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки ба санадҳои меъёри ҳуқуқи пешбини гардидааст, кашол додани пешниҳодкунии маълумот, додани маълумоти нопурра ё тахрифшуда, беасос кашида гирифтан ё ба гарав гирифтани ҳуҷҷатхои ба онхо таалукдоштаи тасдиққунандаи ҳуқуқӣ;

- ба шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколадор ва ба онхо баробаркардашуда пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ва фоида ҷиҳати моилкунии онҳо ба кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) дахлдор ба манфиати шахси пешниҳодкунандаи ин неъмату хизматҳо. Шахсоне, ки неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, туҳфа ва хизматрасониро ба шахсони ба иҷрои вазифахои давлатӣ ё ба онҳо баробар кардашуда дар натиҷаи тамаъҷуии онҳо пешниҳод намуда дар ин бора ихтиёрӣ ба мақомоти мубориза бар зидди коррупсия хабар додаанд, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд;

- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниход накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба коррупсия алоқаманд ё чиноятҳои хусусияти коррупсионидошта;

- ба мақомот барои баррасӣ ва кабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё сари вакт пешниҳод накардани сана ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷуд аст, сарфиназар аз натиҷаҳои он;

- саркашӣ бадқасдонаи шахси ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ваколадор ё роҳбари ташкилот аз барасмиятдарории амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ки қонун пешбини кардааст ё ба асноду ҳисоботҳои молиявию хоҷагидорӣ, ки қонун пешбини кардааст ё ба асноду ҳисоботҳои молиявӣ муҳосибавӣ ва оморӣ даровардани маълумотҳои таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани асноди молиявӣ ва дигар асноди баҳисобгирӣ.

27. Содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои дар банди 26 номбурда аз хизматчии давлатӣ, агар дар кирдорҳои онҳо таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, барои кашидан ба ҷавобгарӣ пешбининамудаи кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мегардад.

28.Ба ҷавобгарии маъмури кашидани шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба коррупсия алоқаманд онҳоро аз ҷавобгарии интизоми озод намекунанд.

## БОБИ 5. НАЗОРАТИ РИОЯИ КОДЕКСИ ОДОБ, ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ ОИД БА ОДОБ

29.Назорати риояи кодекси мазкур дар мақомоти давлатӣ аз тарафи комиссия оид ба одоб амали карда мешавад.

30.Комиссия оид ба одоб бо фармоиши роҳбари мақомоти давлатӣ дар ҳайати раис, муовин, аъзои комиссия аз 5-7 нафар, аз ҷумла котиби масъули комиссия (бо ҳуқуқи овоз додан) таъсис дода мешавад. Роҳбари мақомоти давлатӣ ё муовини у, раиси комиссия интихоб карда мешавад.

31. Комиссия оид ба одоб дар ду моҳ як маротиба ва аз руи зарурат ҷаласа доир менамояд. Ҷаласаи комиссия ҳамон вақте салохиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду қисми ҳайати он иштирок дошта бошанд.

32. Қарори комиссия оид ба одоб дар ғоиби хизматчии давлатӣ бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагон ҷаласа қабул карда мешавад. Хангоми баробар будани овозҳо овози раиси комиссия оид ба одоб ҳалкунанда ҳисоб меёбад.

33. Аз натиҷаи баррасии парвандаи интизоми комиссия оид ба одоб яке қарорҳои зайлро қабул мекунанд:

-ба роҳбари мақомоти давлатӣ дар хусуси ба ҷавобгарии интизоми кашидани хизматчиёни давлатӣ тавсия медихад;

- маводи парвандаи интизомиро барои баррасӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдор барои моҳиятан қабул намудани қарор мефиристад;

- санҷиши маводро оид ба истеҳсолоти интизоми катъ менамояд.

34. Қарори комиссия оид ба одоб барои тасдиқ ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва барои татбиқи муҷозоти интизоми асос мегардад.

35. Роҳбари мақомот ҳуқуқ дорад, ки карори комиссия оид ба одобро асоснок рад ё гузаронидани санҷиши такрориро таъин намояд.

36. Дар вақти татбиқи қарори комиссия оид ба одоб бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шавад.

37. Оид ба қарори комиссия ба одоб ё қарори роҳбари мақомоти давлатӣ дар муҳлати то як моҳ баъди шинос шудан бо матни он ба комиссия роҳбари мақомоти давлатӣ, мақомоти болоӣ, мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд шикоят овардан мумкин аст. Шикоятро мақомоти дахлдор аз болои қарори комиссия оид ба одоб ва ё роҳбари мақомоти давлатӣ баррасӣ намуда;

-дар сурати ошкор шудан ҳолати риоя нагардидани тартиби муқарраргардидаи санҷишии хизматӣ ба комиссия ва роҳбари мақомоти давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд;

-дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба хизматчии давлатӣ хатти хабар медиҳад.

38. Ба вазифаҳои комиссия оид ба одоб дохил мешаванд:

- омузиш ва пешниҳоди таклиф оид ба такмил додани санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки масъалаи одоб ва бархурди манфиатҳоро танзим менамоянд;

- амали намудани назорати иҷрои муқаррароти кодекси мазкур дар мақомоти давлатӣ;

- машварат додан ба хизматчиёни давлатӣ барои масъалаҳои марбут ба одоб;

- дар мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба одоб гузаронидани чорабиниҳои таҳсилотӣ ва иттилоотӣ;

- барои муайян кардани холатҳои вайрон шудани кодекси мазкур ва бархурди манфиатҳо гузаронидани санҷиши хизматӣ;

- таҳияи тавсияҳо барои муҳокима дар маҷлиси коллективии кормандони мақомоти давлатӣ, дарҷ намудан дар варақаи аттестасионии хизматчии давлатӣ оид ба ҳолатҳои риоя нагардидани кодекси мазкур ва ба эътибор гирифтан ҳангоми таъинот ба дигар мансаби хизмати давлатӣ ё барои татбиқи муҷозоти интизомӣ;

- пешниҳоди тавсия барои баррасии роҳбари мақомоти давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарии интизоми ҷалб намудани хизматчиёни давлатие, ки талаботи кодекси мазкурро вайрон кардаанд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма ташвиқу тарғиб намудани одоб.

39. Салоҳияти комиссия оид ба одоб иборат мебошад аз:

- банакшагири ва хамохангсозии барномахои таълимии одоб;

- таъминоти мақомоти давлати бо воситаҳои аёнӣ оид ба масалаҳои идораи одоб;

- баррасии мавод оид ба ҳолатҳои вайрон намудани кодекси мазкур ва бархурди манфиатҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ;

- оид ба вайрон намудани одоб ва бархурди манфиатҳо аз ҷониби хизматчӣ аз шаҳрвандон ва дигар хизматчиёни давлатӣ гирифтани иттилоот ва ба роҳбари мақомоти давлати хабар додан;

- баррасии мавод оид ба холатҳои вайрон намудани кодекси макур аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ва шикоятҳои хизматчиёни давлатӣ нисбат ба қарорҳои комиссия оид ба одоби мақомоти давлатӣ;

- баррасии пешниҳоди мақомоти мубориза бо коррупсия ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- гузаронидани санҷиши хизматии ҳолатҳои вайрон намудани кодекси мазкур;

- шаҳр додани ҳолатҳои бархурди манфиатҳо ҳангоми пайдоиши ихтилофҳо;

- барои иҷрои вазифаҳои худ талаб намудани хуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ, инчунин аз дигар ташкилоти дахлдор;

- гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ аз химатчиёни давлатӣ;

- пешниҳоди таклиф ба роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилот дар хусуси гузаронидани санҷиш ва тафтишоти хизматӣ оид ба далелҳои вайрон гардидани меъёрҳои кодекси мазкур;

- ҷалб намудани ташхисгарон, мутахасисион ва кормандони дахлдори мақомоти давлатӣ барои додани хулоса;

- бекор намудани (тағйир додани) қарорҳои худ;

40. Раиси комиссия оид ба одоб:

-фаъолияти комиссияро ташкил менамояд ва онро роҳбари мекунад;

-рузномаи ҷаласаи комиссияро муайян мекунад;

-ҷаласаи комиссияро даъват менамояд ва ба он раиси мекунад;

-аз ҳисоби аъзои комиссия оид ба масъалаи дар маҷлиси комиссия баррасишаванда маърӯзачиро муайян менамояд;

-дар хусуси ҳайати комиссия ё иваз намудани аъзои он таклиф пешниҳод менамояд.

41. Котиби масъули комиссия ба одоб:

- таъминоти таҳлилию иттилоотӣ, ташкилию ҳуқуқии фаъолияти комиссияро анҷом медиҳад;

- маводро барои баррасии парвандаҳои интизомӣ омода менамояд;

- маълумотро дар бораи ҳолатҳои вайрон гардидани меъёрҳои кодекси мазкур мураттаб ва таҳлил менамояд;

- таҳияи тавсия оид ба такмили кодекси мазкурро анҷом медихад;

- дар таълими шаҳрвандон дар соҳаи риояи кодекси мазкур иштирок менамояд;

- ҷиҳати хабардор намудани шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани маҷлиси комиссия тадбирҳо меандешад;

- аз шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо мавод ва иттилооти дахлдорро, ки барои санҷиш заруранд, талаб менамояд;

- мутахассисон ва мушовиронро дар соҳаҳои дахлдор барои иштирок дар санҷиш ва додани хулоса ҷалб менамояд;

- кормандони мақомоти давлатиеро, ки баррасии масъалаи санҷишшаванда ба ваколати онҳо мансаб аст, ҷалб менамояд;

- ба баррасии комиссия таклифро ҷиҳати такмил додани кодекси мазкур манзур менамояд.

42. Аъзои комиссия оид ба одоб дар ҷаласа бе ҳуқуқи ивазшавӣ иштирок мекунанд.

43. Комиссияи одоб аз руи асосҳои зерин парвандаи интизомиро оғоз менамояд:

-бо пешниҳоди роҳбари мақомоти давлатӣ;

-бо дархости хизматчии давлатӣ;

-аз руи муроҷиати хаттии шаҳрвандон;

44. Парвандаи интизомии оғознамудаи раиси комиссия оид ба одоб бояд дар муҳлати се ҳафта аз рӯзи ба истеҳсолот қабул намудакардашуда ва баррасӣ карда шавад.

45. То баррасии парвандаи интизомӣ дар маҷлиси комиссия оид ба одоб аз ҷониби комиссия мутобиқи тартиби муқараргардида санҷиш гузаронида, ҳолатҳо ва маълумоти марбут ба парвандаро баррасӣ менамояд, аз шахсоне, ки ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд, баёнот мегирад.

46. Комиссияҳои санҷиш ҳолатҳои вайрон намудани кодекси мазкурро тибқи тартиб, ки барои гузаронидани санҷиши хизматӣ муқаррар гардидааст, мегузаронанд.

## БОБИ 6. ҶАВОБГАРИ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ КОДЕКСИ ОДОБ

47. Дастури амал қарор додани қойдаҳои кодекси мазкур уҳдадории хизматчиии давлатӣ буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

48. Таҳлил ва баҳодиҳии риояи меъёрҳои одоби рафтори хизматӣ ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баррасии фаъолият, иштирок дар озмун, таъин кардани хизматчии давлати ба мансаб, ҳангоми мукофотонидан, тайёр кардани тавсифнома ё тавсиянома ҳатми мебошад.

49. Роҳбари мақомоти давлатӣ дар асоси тавсияи комиссия оид ба одоб бояд барои бартараф намудани рафтори беодобонаи тобеон чораҳои зерин андешад:

-гузаронидани чораҳои иттилоотонӣ, ки ба паҳн намудани муқарароти кодекси мазкур равона карда шудааст;

-бо тартиби муқараркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ;

-бо рафтори шахсии худ намунаи поквиҷдонӣ, беғаразӣ ва адолатнокӣ будан;

-андешидани дигар чораҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

50. Ҳангоми дар амалҳои шахс мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят,ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё интизомӣ, маводи дахлдорро бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати кашидан ба ҷавобгарии маъмурӣ ё интизомӣ фиристода мешаванд.